# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ вобаста ба қабули диссертатсияи номзадии Абдулоева Меҳрӣ Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамои психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ**

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ оид ба диссертатсияи Абдулоева Меҳрӣ Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамои психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – психологияи педагогӣ тибқи қарори шурои диссертатсионӣ аз 15-уми апрели соли 2025 суратҷаласаи №14/1 дар ҳайати зерин интихоб карда шуданд:

1. **Ибодов Маҳмадулло Орифович** – узви шуро, доктори илмҳои фалсафа, профессор аз рӯйи ихтисоси 09.00.08 - Фалсафаи илм ва техника – раиси комиссия;
2. **Саидзода Бахрулло Хол** – доктори PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D.05.03.00. - Равоншиносӣ, дотсент – узви комиссия;
3. **Ғаюров Лоиқ Шералиевич** – доктори PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ, дотсент – узви комиссия.

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоева Меҳрӣ Менгуловнаро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, чунин мешуморад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба ихтисоси **19.00.07 – психологияи педагогӣ** мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи **19.00.07 – психологияи педагогӣ** мутобиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҷурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

Комиссия қайд мекунад, ки рисолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами имрӯзаи илми равоншиносӣ бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуи мазкур дар он инъикос ёфтааст, ки “дар шароити тағйирёбии босуръати омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба ҳаёти оилавӣ, дастгирии оилаҳои донишҷӯён барои мутобиқшавӣ ва омӯзиши бо муваффақияти онҳо аҳамияти хоса пайдо мекунад”.

Дар рисолаи мазкур бори аввал ҷанбаҳои амалии мавзуи мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Масъалаи матраҳшаванда дар доираи проблемаҳои психологию педагогии шароити кунуни Тоҷикистон муҳим буда, дар айни замон мубрам ва зарурӣ мебошад. Ҳамчунин, лозим ба зикр аст, ки таҳқиқоти мазкур ба барномаҳо ва ҳадафҳои стратегии мамлакат барои мутобиқгардонии натиҷаҳои илмҳои психологӣ ва педагогӣ ба воқеияти объективии ҷомеа созгор мебошад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар 8 адад мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмуаи конференсияҳоии ҷумҳӯриявию байналмиллалӣ ба чоп расидаанд, ташкил медиҳанд.

**Мақсади таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ва дар амал татбиқ намудани мақсади кори илмию таҳқиқотӣ ичрои вазифаҳои зерин пешбинӣ гардиданд:

1. Ошкоркарданаи хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологӣ, иқтисодӣ, демографӣ ва педагогии фаъолияти оилаи донишҷӯён;

2. Муайян намудани хусусиятҳои ташкилии ёрии психологию педагогӣ ба оилаҳои донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

3. Шакл, самт ва технологияи самарабахши дастгирии психологию педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шавад;

4. Таҳия ва санҷиши модел ташкилии дастгирии психологию педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ва муайн намудани шартҳои татбиқи самаранокии он;

Сохтори муқаддима ва банду басти бобҳои он дар асоси талаботи муқарраршуда таҳия шудааст. Боби якуми рисола хусусияти назариявӣ дошта, дар боби минбаъда натиҷаи масъалаҳои гузошташуда мавриди татбиқу баррасӣ ва таҳлилу озмоиш қарор гирифтааст.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант асоснок буда, ба талаботи дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст.

## Хулоса

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Абдулоева Меҳрӣ Менгуловна дар мавзуи «Роҳнамои психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – психологияи педагогӣ кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Абдулоева Меҳрӣ Менгуловнаро дар мавзуи «Роҳнамои психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» ба ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – психологияи педагогӣ таҳлил ва муҳокима намуда, чунин қарор қабул кард.

**Комиссияи экспертӣ қарор кард:**

1. Диссертатсияи **Абдулоева Меҳрӣ Менгуловна** дар мавзуи «**Роҳнамои психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ**» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – психологияи педагогӣ) мутобиқ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) омода гардида, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ барои ҳимоя тавсия дода шавад;

**2. Муассисаи пешбари диссертатсия** – Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, **муқарризи расмӣ: Бобоева Сайёра Бобораҷабовна-** доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хӯҷанд ба номи академик Б.Ғафуров ва **Абдураҳмонов Гулруз Нурмаҳмадович** – номзади илмҳои психологӣ, инструктори ҶДММ “Менеҷменти технологӣ” интихоб карда шаванд;

3. Ба нашру паҳнкунии автореферат ва диссертатсия, инчунин, барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ гузоштани эълон оид ба ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои фалсафа,
профессор Ибодов М.О.

Узви комиссияи экспертӣ:
доктори PhD, дотсент Саидзода Б

Узви комиссияи экспертӣ:
доктори PhD, дотсент Ғаюров Л.Ш

05.05.2025

*«Имзоҳои профессор Ибодов М.О, дотсентон: Саидзода Б. ва Ғаюров Л.Ш.-ро тасдиқ мекунам».*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК

ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

05.05.2025